«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, д.и.т., профессор,
______________ Ибодуллозода А.И.
«____» ___________ соли 2022

**ХУЛОСАИ**
**Муассисаи давлатии таълимии**
«Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ»
**Рӯзнома:**

Баррасии таҳқиқоти диссертатсионии аспиранти кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ Лутфуллои Саъдулло дар мавзуи «Таълими ҳамгирои фанҳои табиӣ-риёзӣ ба омӯзгорони ояндаи технологияҳои иттилоотӣ дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика, таҳсилоти олии касбӣ)

**Диссертатсия** дар кафедраҳои педагогикаи умумидонишгоҳӣ ва методикаи технологияи информатсионӣ-коммуникатсионии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ анҷом дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Дадобоева Мадина Солибоевна.

**Дар ҷаласаи васеи** кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ аз 05 октябри соли 2022, протоколи №.10/2. **иштирок доштанд:**

1. Мансурова Ҷ.С. – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедра (Раиси ҷаласа)
2. Самиев Т. – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент
3. Аҳадов З.- номзади илмҳои педагогӣ, дотсент
4. Арбобова Ф.А. – номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калон
5. Сатторов А. – номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калон
6. Муродова Ш. – номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калон
7. Ғаниева Б. - номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калон
8. Хоҷаева Г. – муаллими калон
9. Ҳабибова О.- муаллими калон
10. Маҳмадқулова О. - муаллими калон
11. Бегова Ф.И. – муаллими калон
12. Қурбонова Ҷ. – ассистент
13. Гадоева Ф.- лаборант

Ҳамагӣ: 13- нафар.

**Раиси ҷаласа:** Мансурова Ҷ.С. – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент.

**Котиби ҷаласа:** Арбобова Ф.А. – номзади илмҳои педагогӣ.

**Экспертони муқаддамотии муассиса:**

1) н.и.п., дотсент Самиев Т.А. (тақризи мусбат).
2) н.и.п., Сатторов А. (тақризи мусбат).
3) н.и.п., Ғаниева Б.Ҷ. (тақризи мусбат).

**Маълумоти мухтасар дар бораи довталаб:** Соли 2012 факултети математикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айниро аз рӯйи ихтисоси информатика-математика (бакалавр) ва соли 2014 зинаи магистратураро аз руи ихтисоси информатика-барномасоз хатм намуда, фаъолияти илмии худро соли 2015 дар мавзуи «Таълими ҳамгирои фанҳои табиӣ-риёзӣ ба омӯзгорони ояндаи технологияҳои иттилоотӣ дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот таҳти роҳбарии н.и.п., дотсент Дадобоева Мадина Солибоевна ба корҳои илмӣ шуруъ кардааст (қарори Шӯрои олимони ДДОТ ба номи С.Айнӣ аз 26.06.2019, №12/4.7) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ оғоз намудааст.

**Шунида шуд:** Маърузаи Лутфуллои Саъдулло вобаста ба диссертатсия дар мавзуи «Таълими ҳамгирои фанҳои табиӣ-риёзӣ ба омӯзгорони ояндаи технологияҳои иттилоотӣ дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон».

Довталаб натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмиашро дар шакли рӯнамо пешниҳод намуд.

Аз рӯйи маъруза иштирокчиёни ҷаласа чунин саволҳо дода, ҷавобҳои мувофиқ гирифтанд.

**САВОЛҲОИ ДОДАШУДА:**

**Саволи н.и.п., дотсент Аҳадов З.**

***Савол:*** Истифодаи усули ҳамгирои раванди таълим дар ташаккули амалҳои зеҳнӣ чӣ гуна мавқеъро дорост?

***Ҷавоб.*** Дар усули ҳамгирои таълим ташаккули амалҳои зеҳнӣ, ки асосро барои бомуваффақият таҳсил кардан ва аз худ намудани маводи таълимӣ дар бар мегиранд, мавқеи махсусро ишғол мекунад. Аз нуқтаи назари иҷтимоию психологӣ ва дар дарсҳои ҳамгиро тасаввуроти яклухт дар бораи ҷаҳон ташаккул меёбад, ки ба инкишоф ва худинкишофёбии таълимгиранда, тавассути гуманизатсияи ҷараёни таълим равона шудааст. Инчунин, усули ҳамгирои таълим ба принсипҳои психологияи

педагогӣ ва дидактика мутобиқ аст, зеро дар принсипи таълими мунтазам асосёфта, барои инкишофи тафаккур шароитҳои мусоидро фароҳам меорад ва ба инкишофи ҷаҳонбинии мунтазам ва таъимни ҳамоҳангии шахсияти таълимгиранда мусоидат мекунад.

**Саволи н.и.п. Муродова Ш.**

***Савол:*** *Вобаста ба мавзуи рисолаи Шумо дар Тоҷикистон кадом муҳаққиқон кадом корҳоро ба анҷом расонидаанд?*

***Ҷавоб.*** Дар байни таҳқиқотҳои фосилавӣ, ки дар онҳо, аз ҷумла, масъалаҳои умуминазариявии истифодаи таълими ҳамгиро дар низоми таҳсилоти Тоҷикистон баррасӣ мешаванд, таҳқиқотҳои М.М. Товбаев “Асосҳои илмию методии таълими ҳамгирои забони русӣ дар мактаби тоҷикӣ”, М.С. Миравотов “Асосҳои дидактикии алоқаҳои байнифаннӣ дар омодагии донишҷӯёни коллеҷҳо ба фаъолияти касбӣ”, Д.С. Мансурова “Ташаккули фарҳанги экологии донишҷӯёни мактаби олӣ дар асоси лоиҳасозии технологияҳои инноватсионии таълим (дар мисоли мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон”), Т.М. Абдуллоева “Асосҳои педагогии инкишофи нутқи равони русии мактаббачагони хурдсол дар мактаби тоҷикӣ” ва ғайраро қайд кардан мумкин аст.

Қисми зиёди таҳқиқотҳои диссертатсионии олимони тоҷик ба истифодаи алоқаҳои байнифаннии фанҳои табиӣ-риёзӣ дар ҷараёни таълими мактабҳои олӣ бахшида шудааст. Дар байни асарҳои сазовор дар ин самт мо таҳқиқотҳои А.А. Туйчиев “Самаранокии педагогии таълими ҳамгирои фанҳои табиию математикӣ дар таҳсилоти тиббӣ”-ро номбар карда метавонем. Дар ин асар самаранокии татбиқи таълими ҳамгирои фанҳои табиӣ-риёзӣ дар яке аз соҳаҳои душвори илм – тиб муфассал баррасӣ мешавад. Таҳқиқоти С.Ш. Туронов “Асоси дарсҳои ҳамгирои математика ва таълими меҳнат ва нақши онҳо дар дарки яклухти ҷаҳон” ба масъалаҳои истифодаи ҳамгирои фанҳои табиӣ-риёзӣ дар мактаб ва таъсири онҳо ба ҷаҳонбинии талабаҳо бахшида шудааст.

Шумораи зиёди мақолаҳо ва асарҳои илмии М.С. Мирзоевро алоҳида қайд кардан лозим аст, ки истифодаи ҳамгирои фанҳои “математика” ва “информатика” барои омодагии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистонро инъикос мекунанд.

Ба ғайр аз ин, дар байни асарҳои намоёни муҳаққиқони ватанӣ мақолаҳои илмии М.А. Раҳматуллоева, Ф.Ф. Шарипов, С.И. Мараҷабов, Т.В. Ҳусейнова, Ф. Шарифзода ва дигаронро қайд кардан мумкин аст, ки ба омӯзиши ҳолати ҳозира ва ҷанбаҳои гуногуни дурнамои таълими ҳамгиро дар низоми таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон дахл доранд.

**Саволи н.и.п...**

***Савол:*** *Мақсади асосии гузаронидани қисмати озмоиши таҳқиқоти Шумо аз чӣ иборат буд?*

***Ҷавоб.*** **Мо** бисёр ҷиҳатҳои мусбати истифодаи таълими ҳамгироро дар маҷмуъ ва ҳамгироии фанҳои табиатшиносиро дар алоҳидагӣ

мушоҳида намудем, ки дар таҳқиқотҳои пештар гузарондаи олимони тоҷик инъикос шудааст. Мо дар асоси ин таҳқиқотҳо нақша ва ҷараёни гузарондани таҳқиқоти амалии худро тартиб додем.

Дар қисми якуми озмоиш мо пурсиши фокус-гурӯҳи омузгорони фанҳои табиӣ-риёзӣ (математика, информатика, физика)-и мактабҳои олии шаҳри Душанберо дар масъалаи истифодаи технологияҳои таълими ҳамгиро дар фаъолияти амалии онҳо гузарондем. Пурсиш дар намуди мубоҳисаи иштирокчиён бо сабти ҷиҳатҳои муҳим ва хоҳиши овоздиҳӣ аз рӯи ин ҷиҳатҳо гузаронда шуд.

Аз натиҷаи озмоиш маълум гардид, ки дар шароитҳои таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба истифодаи методикаҳои таълими ҳамгирои фанҳои табиӣ-риёзӣ (хусусан дар самти математика-информатика) дар мактабҳои олӣ нигоҳ накарда, ҳамоно мушкилиҳои муайян дар ташкили дарсҳои доимӣ, на парокандаи ҳамгиро аз рӯи фанҳои табиӣ-риёзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо иштироки зиёда аз як муаллим ҷой доранд. Муаллимон қайд карданд, ки мушкилии зиёд дар гузарондани дарсҳои ҳамгиро маҳз аз маромнокии таълимдиҳандагон ба гузарондани чунин дарсҳо аз рӯи нақша бо иштироки якчанд муаллимон иборат аст. Барои мутахассисони ҷавон-педагогҳо мушкилӣ дар он аст, ки онҳо ҳангоми ташкили дарсҳои ҳамгиро ба ихтисоснокии худ дар фанни ғайритахассусӣ ва наздикихтисос дилпур нестанд. Омузгорони соҳибтаҷриба (хусусан аз 45 сола боло)-и фанҳои ба технологияҳои иттилоотӣ ҳамшафат аз суст донистани технологияҳои нави таълим, масалан ТИК ва мултимедиа, барои ташкили дарсҳои ҳамгиро сухан мегӯянд.

**Саволи н.и.п., дотсент Самиев Т.А.**

***Савол:*** *Ба андешаи Шумо, дар баробари дигар омилҳо боз кадом хусусиятҳои таъсиркунандаи самаранокии таълими ҳамгиро мавҷуданд?*

***Ҷавоб.*** Дар радифи дигар таъсиррасонандаҳо як қатор хусусиятҳои усули метафаннӣ низ арзи вуҷуд доранд, ки ба самаранокии таълими ҳамгиро таъсир мерасонанд. Якум, аз нуқтаи назари методию дидактикӣ, усули зикршуда ба гузариш аз парокандагии стратегия ва мазмуни фанҳои алоҳидаи таълим ба омӯзиши падидаи объективӣ аз нуқтаи назари илмҳои гуногун равона шудааст. Илова бар ин, ҳамгироии мазмуни таълим, фикрронии назариявӣ ва усулҳои универсалии идрок ва фаъолияти таълимгирандагон шарти ҳатмист. Дар натиҷа тасвири яклухти ҷаҳон дар тафаккури таълимгиранда шакл мегирад. Ӯ ба ҳамкории субъект бо субъект омода мешавад, инчунин маҳорати интиқоли донишҳои назариявӣ ба амалияи фаъолияти рӯзмарраи касбӣ ва иҷтимоӣ пайдо мегардад.

Дар чунин шароитҳо асоси донишҳои шахсии мутахассиси оянда ба воситаи гирифтани салоҳиятҳои универсалии хусусияти иттилоотӣ ташаккул меёбад, ки дар онҳо бисёр вақт усулҳои моделсозии иттилоотӣ истифода бурда мешаванд. Дар баробари ин, ташаккули салоҳиятҳо ва малакаҳои истифодаи воситаҳои иттилоот ва технологияҳои коммуникативӣ, ҷамъоварӣ, табдил, нигоҳдорӣ, истифода ва интиқоли маълумот сурат мегирад.

## МУҲОКИМА ВА МУЛОҲИЗАҲО

**Бо сабаби беморӣи роҳбари илмӣ Дадобоева М., шунида шуд баромади д.и.п., профессор Маҷидова Б.:** Муаллифи диссертатсия Лутфуллои Саъдулло ба ҳайси аспиранти кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии ДДОТ ба номи С.Айнӣ аз соли 2015 то инҷониб тибқи нақша ва мавзуи тасдиқгардида, ба пешбурди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ машғул аст.

Дар қисмати мубрамияти мавзуи рисолаи мазкур омадааст, ки расидан ба ҳадафҳои баланди дар назди кормандони соҳаи илм ва маорифи кишвар гузошташуда, дар одамон тарбия додани таваҷҷуҳ ва донишҳоро дар соҳаи фанҳои табиӣ-риёзӣ ҳанӯз аз мактаби миёна талаб мекунад. Барои таъмини пешрафт дар ин соҳа на танҳо инфрасохтори дахлдори таълимӣ, балки кадрҳои омодашуда ва салоҳиятноки омӯзгорӣ низ лозиманд, ки ба таври зарурӣ сатҳи маълумотнокии табиатшиносии мактаббачагонро ташаккул дода тавонанд.

Тавре муҳаққиқ ишора намудааст, аз мушоҳидаҳои бисёрсолаи рушди низоми таҳсилот чунин хулоса ҳосил мешавад, ки инсоният дар ҳар як марҳилаи нави рушди худ нақшаҳои нави консептуалӣ ва моделу усулҳоро (ки онҳоро парадигмаҳо ҳам меноманд) барои низомҳои таҳсилоти худ меҷӯяд. Дар марҳилаи ҳозира усули ҳамгирои таълим ба сифати парадигмаи асосии консепсияи таҳсилот қабул шуд. Аз рӯи инсоф бояд гуфт, ки дар намуди муосир ин усул консепсияҳои таҳаввулотии консепсияҳои куҳна дар бораи алоқаҳои байнифанниро дар бар мегирад. Аммо рушди технологияҳои нави иттилоотию коммуникатсионӣ, компютерӣ, мултимедӣ ва дигар технологияҳои таълим нигоҳи нав ба консепсияҳои куҳна ва ба онҳо додани намуди муосири дидактикиро имконпазир гардонд.

Навгонии илмии асосии таҳқиқот муайян намудааст, ки бори нахуст маҳз аз тарафи Лутфуллои Саъдулло усулҳои назариявӣ ва методологии ташкил, методология, татбиқ ва истифодаи технологияи таълими ҳамгиро дар ҷараёни таълими мактаби олӣ дар маҷмуъ ва алоҳида дар таълими фанҳои табиӣ-риёзӣ муайян шуда, моделҳои мавҷудаи татбиқ ва истифодаи таълими ҳамгиро ва самаранокии таъсири онҳо ба омодагии донишҷӯён (аз ҷумла омузгорониояндаи технологияҳои иттилоотӣ), ки дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда мешаванд, таҳлил гардидаанд. Инчунин,

модели унсурҳои мантиқию мазмунии сохтори таълими ҳамгиро дар низоми таҳсилот, сохтори мантиқии татбиқи консепсияи фаннии таълими ҳамгиро дар ҷараёни таҳсил таҳия шуда, тавсияҳо барои татбиқи минбаъдаи технологияи таълими ҳамгирои фанҳои табиӣ-риёзӣ дар низоми таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард гардидаанд.

Диссертатсияи Лутфуллои Саъдулло кори баитмомрасидаи мукаммали илмӣ-тахассусӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шудааст. Муаллиф дорои сифатҳои баланди касбӣ буда, метавонад аз рӯйи соҳаи таҳқиқоти илмии худ масъалаҳои илмӣ-таҳлилӣ гузорад, онҳоро ҳал намояд ва ба тарбияи кадрҳои илмӣ машғул шавад. Дар маҷмӯъ Лутфуллои Саъдулло-ро метавон ба сифати корманди илмӣ-педагогии комилан ташаккулёфта ва ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ сазовор тавсиф кард.

Дар ин радиф ҳисоб мекунам, ки диссертатсияи Лутфуллои Саъдулло-ро ба шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-48 дар назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба ҳимоя қабул кардан мумкин аст ва худи муаллиф бешубҳа сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ мебошад.

**Эксперти якум –н.и.п., Самиев Т.А.**

-Ба сифати эксперт мехоҳам махсус таъкид намоям, ки диссертатсия ва автореферати Лутфуллои Саъдулло бешубҳа, аз ҷиҳати мазмуну мухтаво, хоса дорои забони равони тоҷикӣ буданаш, қобили дастгирист.

Тавре аз омузиши дараҷаи коркарди масъалаи мазкур баремояд, дар илми педагогикаи ҷаҳонӣ масъалаҳо вобаста ба татбиқ, фаъолият ва ташкили таълими фосилавӣ дар низоми таҳсилоти олии касбӣ аз нуқтаи назари ҷанбаҳои гуногун ҳам дар сатҳи муҳаққиқони алоҳида ва ҳам дар сатҳи ташкилотҳои давлатию байналмилалӣ ба таври кофӣ омӯхта шудаанд.

Сарчашмаву маълумот оид ба тамоюлҳои умумиҷаҳонии истифодаи технологияҳои таълим, аз ҷумла масъалаи истифодаи технологияҳои таълими ҳамгиро дар омодагии омузгорони оянда дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муайян намудаанд, ки ин масъала дар радифи дигар илмҳо дар илми педагогика низ васеъ таҳқиқ шудааст.

Аз ҷумла, олимони зерини хориҷиро номбар кардан мумкин аст: М.Т. Хабер, П. Хатчингс , Ҷ. ва Б. Вренн, Я.Т. Кляйн, Д. Бауд, Д. Волкер ва дигарон. Назарияи таълими ҳамгирои фанҳои табиӣ-риёзӣ аз ҷанбаи психологӣю педагогӣ дар асарҳои О.М. Кудрявцева, В.Н. Максимов, А.Я. Данлюк, А.И. Еремкин, Е.С. Медведкова, Е.Г. Губарев, И.А. Зимняя, С.Н. Костромина, О.А. Миронова, А.В. Хуторский, М. К. Телеусов, Р. С. Досмагамбетова, Ш. С. Калиева ва дигарон баррасӣ шудааст.

Ба ақидаи муҳаққиқ, аз таҳлили адабиёти илмӣ миқдори зиёди мақолаҳое ошкор гардид, ки солҳои охир дар мавзуи таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва методологии истифодаи технологияҳои таълими ҳамгиро дар омодагии донишҷӯён ва хонандагон дар самти фанҳои табиӣ-риёзӣ , моделсозӣ ва фаъолияти ҷанбаи ташкилию технологии он, мақсаднокии мустақилонаю маърифатии мазмун ва самаранокии истифодаи таълими ҳамгиро ва монанди ин иншо шудаанд.

Боиси дастгирист, ки дар илми тоҷик низ масъалаи истифодаи таълими ҳамгиро дар ҷараёни таълим аз мактаби олӣ то мактаби миёна, истифодаи алоқаҳои байнифаннӣ дар ҷараёни таълим ва хусусиятҳои ташкилию педагогии он ҳам дар сатҳи таҳқиқотҳои диссертатсионӣ ва ҳам дар сатҳи мақолаҳо васеъ таҳқиқ шудааст. Аз тарафи дигар, аксарияти таҳқиқотҳои диссертатсионии олимони ватанӣ ба омӯзиши масъалаҳои таълими ҳамгиро дар соҳаи гуманитарӣ ва дар сатҳи мактабҳои миёна бахшида шудаанд. Масъалаҳои таърихии ташаккули афкор дар бораи алоқаҳои байнифаннӣ ва истифодаи онҳо дар ҷараёни таълим дар Шарқ, дар асарҳои А.Э. Сатторов, Д.М. Каримзода, С.М. Саидмирова, М.И. Ғиёсиев, Т.М. Аминов, Л.Я. Аминова ва дигарон инъикос шудаанд.

Дар байни таҳқиқотҳои фосилавӣ, ки дар онҳо, аз ҷумла, масъалаҳои умуминазариявии истифодаи таълими ҳамгиро дар низоми таҳсилоти Тоҷикистон баррасӣ мешаванд, таҳқиқотҳои М.М. Товбаев "Асосҳои илмию методии таълими ҳамгирои забони русӣ дар мактаби тоҷикӣ", М.С. Миравотов "Асосҳои дидактикии алоқаҳои байнифаннӣ дар омодагии донишҷӯёни коллеҷҳо ба фаъолияти касбӣ", Д.С. Мансурова "Ташаккули фарҳанги экологии донишҷӯёни мактаби олӣ дар асоси лоиҳасозии технологияҳои инноватсионии таълим (дар мисоли мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон"), Т.М. Абдуллоева "Асосҳои педагогии инкишофи нутқи равони русии мактаббачагони хурдсол дар мактаби тоҷикӣ" ва ғайраро қайд кардан мумкин аст.

Ба воситаи муайн намудани дараҷаи омӯзиши рисолаи мазкур муҳимият ва аҳамияти мавзӯъро тасдиқ карда, имкон додаанд, ки мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ аниқ ва мухтасар ифода карда шавад.

Хулоса, ҳарчанд олимон ба масъалаи татбиқи технологияҳои таълими ҳамгиро дар низоми таҳсилоти Тоҷикисон диққати зиёд медиҳанд, вале таҳлили фаъолияти мактабҳои олӣ нишон дод, ки масъалаи баҳодиҳии умумии самаранокии татбиқ, истифода ва мазмуни технологияҳои зикршудаи таълим, ки ба омодагии омузгорони ояндаи фанни "Технологияҳои иттилоотӣ" дар мактабҳои олии ҷумҳурӣ равона гардидааст, дар илми педагогика кам таҳқиқ шудааст.

Тавре аз таҳлил бармеояд, автореферат ва натиҷаҳои илмӣ (7 интишорот) бо эътимоди кофӣ муҳтавои таҳқиқоти гузаронидашуда ва муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд. Ба сифати аъзои комиссияи экспертӣ таклиф дорам диссертатсияи Лутфуллои Саъдулло

ба шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-48 дар назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика, таҳсилоти олии касбӣ) ба ҳимоя пешниҳод карда шавад. Худи муаллиф бошад бешубҳа сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ мебошад.

**Эксперти дуюм – н.и.п., Ғаниева Б.Ҷ.**

Воқеан, диссертатсияи мазкур маҳз ба ҳалли масъалаи мубрам, яъне мавқеъ ва зарурати таълими ҳамгиро барои донишҷӯён-омӯзгорониояндаи фанни технологияҳои компютерӣ бахшида шудааст.

Муҳаққиқ тавонистааст бо воситаи истифодаи методикаҳои умумилмӣ ва махсус (эмпирикӣ, таҳлили назариявӣ, коркарди омории маълумотҳо ва ғайраҳо) масъалаи омодагии омузгорони фанҳои табиӣ-риёзӣ дар асоси методикаҳои инноватсионии педагогӣ, ки минбаъд онҳоро дар сатҳи мактаби миёна истифода бурда тавонанд, ба таври васеъ баррасӣ намояд.

Ва дар ин радиф тавре муаллифи диссертатсияи мазкур йишора намудааст, азбаски мавқеи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва компютерӣ дар ҷаҳони муосир устувор гашта, ҷараёни рақамикунонии ҷомеа аҳамияти глобалӣ мегирад, нақши фанни “информатика” дар соҳаи маориф ҳамасола беш аз пеш муҳимтар мешавад. Дар доираи ин фан талабаҳо бо салоҳиятҳое таъмин мегарданд, ки ба онҳо барои зиндагӣ дар асри иттилоот ва компютер заруранд. Аксарияти технологияҳо ва усулҳои муосири таълим низ ба истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК), мошинҳои электронии ҳисоббарор (МЭҲ) ва мултимедиа вобастаанд. Технологияҳои таълими ҳамгиро низ истисно нестанд. Нақшеро, ки дар даҳсолаи наздик роҳбарияти кишвар барои фанҳои табиӣ-риёзӣ муайян намудааст, зарурати таълими онҳо дар асоси технологияҳои навтарини педагогӣ аллакай дар сатҳи мактаби миёна, инчунин рушди онҳоро дар асоси муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба назар гирем, омодагии муаллими технологияҳои иттилоотӣ барои мактабҳои миёна аллакай дар мактаби олӣ мавқеи махсусро ишғол мекунад.

Маҷмуи пурраи ин масъалаҳо аҳамиятнокии масъалаҳоро вобаста ба омӯзиши таълими ҳамгирои фанҳои табиӣ-риёзӣ ба омузгорониояндаи технологияҳои иттилоотӣ дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар мегирад.

Мавзӯъ ва мазмуни диссертатсия бошад ба пуррагӣ ҷавобгӯи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Миқдор ва сифати мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи ҶТ ба нашр расонидаи довталаб ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ҷавобгӯ аст. Автореферат мазмуну муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамояд. Таҳқиқоти диссертатсионии Лутфуллои Саъдулло кори баитмомрасидаи илмӣ-тахассусӣ аст ва дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шудааст. Ман низ тарафдорам, ки диссертатсия дар шӯрои диссертатсионии ба ҳимоя пешниҳод карда шавад.

**Эксперти сеюм – н.и.п. Сатторов А.**

Азбаски экспертони қаблӣ қариб, ки тамои паҳлуҳои диссертатсияро баррасиву муҳокима намуданд, мехостам оид ба муқаррароти асосии пешниҳоднамудаи таҳқиқот андешаронӣ намоям.

Маҳз муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян намудааст, ки таркиби инфрасохторӣ, моделҳои таълими ҳамгирои фанҳои табиӣ-риёзӣ ва истифодаи онҳо нисбат ба мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил шуда, натиҷаҳои озмоиши педагогӣ оид ба таҳқиқи самаранокии истифодаи мазмун ва технологияи таълими ҳамгирои фанҳои табиӣ-риёзӣ , ки ба инкишофи салоҳиятҳои донишҷӯён – омузгорони ояндаи технологияҳои иттилоотӣ равона шудааст. Инчунин, натиҷаҳои озмоиши педагогӣ бо иштироки омузгорони мактабҳои олӣ дар шаҳри Душанбе дар масъалаи истифодаи технологияи ҳамгиро дар ҷараёни таълими муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба даст оварда шуда, модели омодагии омузгорони ояндаи технологияҳои иттилоотӣ ба истифодаи технологияи ҳамгиро дар фаъолияти касбӣ таҳия гардидааст. Дурнамои рушд ва тавсияҳо оид ба татбиқи васеъ ва самараноки технологияи таълими ҳамгироии фанҳои табиӣ-риёзӣ дар низоми таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ коркард ва пешниҳод гардидааст.

Фикр мекунам, ки мавзӯъ ва мазмуни диссертатсияи аспиранти Лутфуллои Саъдулло дар мавзуи «Таълими ҳамгирои фанҳои табиӣ-риёзӣ ба омӯзгорони ояндаи технологияҳои иттилоотӣ дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

## ХУЛОСАИ ЭКСПЕРТҲО

1. Диссертатсияи номзадии Лутфуллои Саъдулло дар мавзуи «Таълими ҳамгирои фанҳоли табиӣ-риёзӣ ба омӯзгорони ояндаи

технологияҳои иттилоотӣ дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» кори баитмомрасидаи мустақили илмӣ-таҳқиқотии тахассусӣ буда, тибқи меъёрҳои «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)» (Қарори Ҳукумати ҶТ, №267 аз 30.06.2021) омода гардидааст.

2. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ бори нахуст ба таври комил муайян кардани шартҳои асосӣ ва воситаҳои педагогии ташаккули меёрҳо бобати ташкили бонизоми фаъолияти мустақили донишҷӯ дар вазъи низоми кредитии таҳсил (омодагии донишҷӯ ба кори мустақилона; мавҷудият ва дастрас будани маводи таълимӣ-методӣ, маълумотӣ-иттилоотӣ; ёрии машваратӣ). Муайян кардани шаклу намудҳои босамари фаъолгардонии худомӯзӣ, худтакмилёбии донишҷӯён дар вазъи низоми кредитии таълим ва раванди озмоиши таҷрибавӣ (санҷиш ва тафтиши сифати конспект кардан; санҷиши тестӣ; семинари гурӯҳӣ; мубоҳиса ва баррасии масъалаҳои илмӣ-метод). Коркарди технологияи ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯ-омӯзгори оянда дар шароити низоми кредитии таҳсил бо дарназардошти мазмун ва мундариҷаи асноду далелҳо, кор бо сарчашмаҳои илмӣ, педагогӣ ва методию психологӣ дар вазъи пажуҳиш ва худомӯзии мустақилона таҳлил ва анҷом дода шудааст.

3. Натиҷа, хулоса ва тавсияҳои муҳаққиқ ба ҷанбаҳои назариявию амалии соҳаи педагогика, аз ҷумла методика муътамадона мусоидат менамоянд.

4. Натиҷаҳои бадастовардаи довталаб эътимоднок буда, хулосаву тавсияҳои диссертатсионии ӯ асоснок мебошанд. Таҳқиқот дар заминаи маҷмӯи калони маълумоти таҷрибавӣ, ҳадафҳои гузошташуда ба нишон расидаанд. Натиҷаҳои илмии диссертатсия дар асоси методологияи диди системавӣ ва консепсияи илмии ташхиси педагогӣ шакл гирифтааст.

5. Эътимоднокии натиҷаҳои илмии бадастомада бо далелнокии методологии муқарраროти аввалияи назариявӣ; мантиқи илман асоснокшудаи таҳқиқи масъала; интихоби методҳои ба предмет, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот муносиб, давомнокии кори таҷрибавию озмоишӣ; таҳлили омории маълумоте, ки аз рӯйи ҷамъбасти ҷавобҳои иштирокчиёни таҳқиқ ба даст омадаанд, таъмин мегардад.

6. Диссертатсияро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика, таҳсилоти олии касбӣ) ба ҳимоя қабул кардан мумкин аст.

______________________н.и.п., и.в. дотсент Самиев Т.А.
______________________ н.и.п., Ғаниева Б.Ҷ.
______________________н.и.п., Сатторов А.

## ХУЛОСАИ ҶАЛАСА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот:** рақобатпазрии ҷомеаи муосир, ки ба рушди он иттилооткунонӣ таъсири азаррас мерасонда, бо якчанд нишонаҳо тавсиф мешавад. Иттилооткунонӣ ва зарурати пешрафт дар бисёр самтҳои илмӣ, ки қисми зиёди онҳо ба фанҳои табиӣ-риёзӣ вобастаанд, яке аз ин нишонаҳо мебошад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 15 апрели соли 2021 зимни суханронӣ дар ҷаласаи якуми Шӯрои илм, маориф ва инноватсияи назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд карданд, ки "Ҳукумати Тоҷикистон барои пешрафти фаъолияти инноватсионӣ дар мамлакат, ташаккули низоми самараноки инноватсионӣ, ки ба баланд бардоштани сатҳи технологӣ ва рақобатнокии истеҳсолот, ба бозори дохиливу хориҷӣ баровардани маҳсулоти инноватсионӣ, истеҳсоли молҳои ивазкунандаи воридот, суръатбахшии рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ва расидан ба ҳадафҳои стратегии миллӣ мусоидат менамояд, заминаҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодиро фароҳам овардааст".

Сардори давлат ба зарурати қафо намондан аз равандҳои муосири илму технологияҳои ҷаҳонӣ таъкид карданд. Ҳукумати мамлакат муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олии касбиро вазифадор кард, ки корҳои илмиву таҳқиқотиро бо сатҳу сифати нав ба роҳ монда, тамоми неруи илмиву зеҳниро ба иҷрои мавзӯъҳои фармоишии фарогири масъалаҳои муҳими рушди иқтисоди миллӣ сафарбар намоянд.

Бо мақсади ислоҳи вазъ ва тақвият бахшидан ба неруи зеҳнии ҷомеа солҳои 2020–2040 бистсолаи омӯзиши илмҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф эълон гардид. Илова бар ин, дар соҳаи илму маориф қарорҳои дахлдори Ҳукумати мамлакат ба тасвиб расида, Вазорати маориф ва илм вазифадор карда шуд, ки дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот стандарт, барнома ва нақшаҳои таълимиро таҷдиди назар карда, ба баланд бардоштани сатҳу сифати таълим диққати аввалиндараҷа диҳад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2020 дар суханронии худ бахшида ба Рӯзи дониш қайд карданд, ки бинобар эълон гардидани "солҳои омӯзиш ва рушди илмҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ, мо тамоми сохторҳои илму маориф ва умуман, муассисаҳои иҷтимоиро вазифадор намудем, ки бо мақсади бунёди ояндаи дурахшон ба таълими илмҳои табииву риёзӣ зиёдтар таваҷҷуҳ зоҳир намоянд ва мафкураи техникии насли наврасро қавӣ гардонанд. Шарти асосии амалӣ кардани ин ҳадаф беҳтар намудани сатҳу сифати таҳсилот, ҷорӣ кардани усулҳои нави таълим ва самаранок истифода намудани соатҳои дарсӣ дар муассисаҳои таълимӣ мебошад".

Инчунин Пешвои миллат таъкид намуданд, ки “ҷустуҷӯ ва дарёфти роҳу усулҳои пешқадаму муосири таълим, мустаҳкам намудан ва ба меъёрҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ гардонидани пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимиву илмӣ, васеъ ҷорӣ кардани технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, ба роҳ мондани ихтисосҳои нави ба талаботи иқтисоди миллӣ ҷавобгӯй ва воридшавӣ ба фазои ягонаи таҳсилот дар маркази таваҷҷуҳи таҳсилоти олии касбии кишварамон қарор дорад”.

Тавре аз Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, расидан ба ҳадафҳои баланди дар назди кормандони соҳаи илм ва маорифи кишвар гузошташуда дар одамон тарбия додани таваҷҷуҳ ва донишҳоро дар соҳаи фанҳои табиӣ-риёзӣ ҳанӯз аз мактаби миёна талаб мекунад. Барои таъмини пешрафт дар ин соҳа на танҳо инфрасохтори дахлдори таълимӣ, балки кадрҳои омодашуда ва салоҳиятноки омӯзгорӣ низ лозиманд, ки ба таври зарурӣ сатҳи маълумотнокии табиатшиносии хонандагонро ташаккул дода тавонанд.

Аз мушоҳидаҳои бисёрсолаи рушди низоми таҳсилот чунин хулоса ҳосил мешавад, ки инсоният дар ҳар як марҳилаи нави рушди худ нақшаҳои нави консептуалӣ ва моделу усулҳоро (ки онҳоро парадигмаҳо ҳам меноманд) барои низомҳои таҳсилоти худ меҷӯяд. Дар марҳилаи ҳозира усули ҳамгирои таълим ба сифати парадигмаи асосии консепсияи таҳсилот қабул шуд. Аз рӯи инсоф бояд гуфт, ки дар намуди муосир ин усул консепсияҳои таҳаввулотии консепсияҳои кӯҳна дар бораи алоқаҳои байнифанниро дар бар мегирад. Аммо рушди технологияҳои нави иттилоотию коммуникатсионӣ, компютерӣ, мултимедӣ ва дигар технологияҳои таълим нигоҳи нав ба консепсияҳои кӯҳна ва ба онҳо додани намуди муосири дидактикиро имконпазир гардонд.

Махсусан ин усул дар партави тамоюлҳо дар методикаи таълим аҳамият касб кард ва ин аз он далолат медиҳад, ки истифодаи ҳамаи технологияҳои таълимӣ бояд ба инкишофи умумии шахсият ва бо салоҳиятҳои зарурӣ барои фаъолияти касбии минбаъда таъмин кардани ӯ равона шуда бошад.

Маҳз бо таъсири ҳамин консепсия ташаккул ва рушди низоми омодагии мутахассисони оянда дар мактабҳои олӣ сурат мегирад. Махсусан дар бораи кормандониояндаи педагогӣ сухан меравад, ки онҳо дар доираи фаъолияти касбии худ бояд бо наврасон кор карда, ба онҳо дониш омӯзонанд ва муҳаббати онҳоро ба фанҳои табиӣ-риёзӣ бедор кунанд.

Ҳамин тавр, масъалаи омодагии омузгорони фанҳои табиӣ-риёзӣ дар асоси методикаҳои инноватсионии педагогӣ, ки минбаъд онҳоро дар сатҳи мактаби миёна истифода бурда тавонанд, аҳамият касб мекунад.

Азбаски мавқеи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва компютерӣ дар ҷаҳони муосир устувор гашта, ҷараёни рақамикунонии ҷомеа аҳамияти глобалӣ мегирад, нақши фанни “информатика” дар соҳаи маориф ҳамасола беш аз пеш муҳимтар мешавад. Дар доираи ин

фан талабаҳо бо салоҳиятҳое таъмин мегарданд, ки ба онҳо барои зиндагӣ дар асри иттилоот ва компютер заруранд. Аксарияти технологияҳо ва усулҳои муосири таълим низ ба истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК), мошинҳои электронии ҳисоббарор (МЭҲ) ва мултимедиа вобастаанд. Технологияҳои таълими ҳамгиро низ истисно нестанд.

Ҳарчанд олимон ба масъалаи татбиқи технологияҳои таълими ҳамгиро дар низоми таҳсилоти Тоҷикистон диққати зиёд медиҳанд, вале таҳлили фаъолияти мактабҳои олӣ нишон дод, ки масъалаи баҳодиҳии умумии самаранокии татбиқ, истифода ва мазмуни технологияҳои зикршудаи таълим, ки ба омодагии омузгорони ояндаи фанни "Технологияҳои иттилоотӣ" дар мактабҳои олии ҷумҳурӣ равона гардидааст, дар илми педагогика ба таври васеъ мавриди таҳқиқ қарор дода нашудааст.

**Ҳадафи таҳқиқот** – муайян намудани мазмуни усул ва хусусиятҳои ташкилию педагогии истифодаи таълими ҳамгирои фанҳои табиӣ-риёзӣ ба омузгорони ояндаи технологияҳои иттилоотӣ дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқот** – низоми таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Мавзуи таҳқиқот** – ташкили истифодаи технологияҳои таълими ҳамгирои фанҳои табиӣ-риёзӣ дар ҷараёни омодагии омузгорони технологияҳои иттилоотӣ дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқот** дар раванди суханронӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмию методӣ ва илмию амалии сатҳи шаҳрӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ ба даст омадаанд. Нуктаҳо ва натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар ҷаласаҳои кафедраҳои педагогикаи умумидонишгоҳии ДДОТ ба номи С.Айнӣ баён гардида, мавриди муҳокима ва таҳлилу баррасии комил қарор ғирифтанд. Натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ-бунёдӣ ва хулосаҳои диссертатсия, абзори илмию методии он дар раванди таҳсилотии ДДОТ ба номи С.Айнӣ пешниҳод ва мавриди амал қарор гирифтаанд.

**Масъалаҳои таҳқиқот** дар рисола аз усулҳои гуногун, ба монанди таҳлили муқоисавӣ-қиёсии ретроспективӣ, эмпирикӣ: пурсишнома, мусоҳиба, суҳбати ташхисӣ, мушоҳида, таҳлили озмоишӣ-таҷрибавӣ, коркарди маълумотҳои бадастомада ва ғайра истифода шудааст.

Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ ва навгониҳои илмии таҳқиқот бо дуруст гузоштани вазифаҳо, истифодаи маълумотҳои омори расмӣ; асоснокии мавқеъҳои методологии ибтидоӣ; мутобиқат ба маҷмуи усулҳои истифодашуда оид ба предмети таҳқиқот, вазифаҳои гузошташуда ва таҷрибаи шахсии муаллиф таъмин мешавад. Ба ғайр аз ин, мувофиқати натиҷаҳои таҳқиқот ба натиҷаҳои дигар таҳқиқотҳои ба ҳам наздики муаллиф, инчунин ба муқаррароти ибтидоии назариявӣ муайян гардид.

Инчунин, усулҳои назариявӣ ва методологии ташкил, методология, татбиқ ва истифодаи технологияи таълими ҳамгиро дар ҷараёни таълими мактаби олӣ дар маҷмуъ ва алоҳида дар таълими фанҳои табиӣ-риёзӣ муайян шудаанд моделҳои мавҷудаи татбиқ ва истифодаи таълими ҳамгиро ва самаранокии таъсири онҳо ба омодагии донишҷӯён (аз ҷумла омузгорони ояндаи технологияҳои иттилоотӣ), ки дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда мешаванд, таҳлил карда шудаанд; модели унсурҳои мантиқию мазмунии сохтори таълими ҳамгиро дар низоми таҳсилот, сохтори мантиқии татбиқи консепсияи фаннии таълими ҳамгиро дар ҷараёни таҳсил таҳия гардидаанд; тавсияҳо барои татбиқи минбаъдаи технологияи таълими ҳамгирои фанҳои табиӣ-риёзӣ дар низоми таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард шудаанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот** Ба назария ва амалияи истифодаи технологияи таълими ҳамгиро дар таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисса гузошта шудааст. Муайян гардидааст, ки донишҷӯён ва омузгорони мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба самаранокии таъсири усулҳои ҳамгирои таълими фанҳои табиӣ-риёзӣ ба маромнокии таълимии донишҷӯён – омузгорони ояндаи технологияҳои иттилоотӣ, аз ҷумла ба фаъолнокии мустақилонаю маърифатӣ, давомот ва омодагӣ ба фаъолияти касбӣ баҳои баланд медиҳанд. Ошкор шудааст, ки омузгорони мактабҳои олии ҷумҳурӣ барои гузаронданн машғулиятҳои ҳамгиро дар сатҳи зарурӣ салоҳият ва маромнокии кофӣ надоранд. Ҷанбаҳои инфрасохторӣ ва салоҳиятноки татбиқи бомуваффақияти технологияи таълими ҳамгирои фанҳои табиӣ-риёзӣ дар низоми таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи воситаҳои таҳияи консепсияҳои таълимӣ, машғулиятҳои омӯзишӣ ва омодагӣ ба дарсҳои ҳамгиро муқаррар гардидаанд. Маҷмуи таркибҳое, ки қисмати технологии модели таълими ҳамгирои фанҳои табиатшиносиро ташкил медиҳанд, муайян шудаанд. Тасаввуроти илмию методӣ дар бораи ҷараёни татбиқи технологияи таълими ҳамгирои фанҳои табиӣ-риёзӣ дар мактаби олӣ, ки дар нақши технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва сатҳи омодагии касбии муаллимону донишҷӯён асос ёфта, мутобиқгардонии ҳалли маҷмуи масъалаҳои илмию амалии татбиқи таълими ҳамгироро дар ҷараёни таҳсил имконпазир мегардонад, васеъ гардонида шудааст.

**Саҳми шахсии муаллиф** дар гирифтани натиҷаҳои илмӣ бо гузоштани масъала, таҳияи асосҳои методологии таҳқиқот, мақсади умумӣ ва методикаи озмоиш аз рӯи масъалаи таҳқиқот, таҳияи моделҳои гуногунҷанбаи низоми таълими фосилавӣ ва истифодаи онҳо барои тақвияти фаъолнокии мустақилонаю маърифатии донишҷӯёни мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин роҳбарӣ ва иштирок дар кори озмоишӣ муайян гардидааст.

**Интишорот ва таъйиди натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқотӣ дар 7 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 4-тояшро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон банашррасида ва боқимондаро дар дигар нашриёҳо бачопрасида ва маводҳои конференсияҳои илмӣ ташкил додаанд.

**Хулосаи умумии ҷаласа.** Диссертатсияи аспирант Лутфуллои Саъдулло дар мавзуи «Таълими ҳамгирои фанҳои табиӣ-риёзӣ ба омӯзгорони ояндаи технологияҳои иттилоотӣ дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» кори илмии бaанҷомрасида буда, ба ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пурра мувофиқат мекунад.

## ҚАРОРИ ҶАЛАСА

1. Диссертатсияи номзадии Лутфуллои Саъдулло дар мавзуи «Таълими ҳамгирои фанҳои табиӣ-риёзӣ ба омӯзгорони ояндаи технологияҳои иттилоотӣ дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти илмӣ-тахассусии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба тамоми талабот ва меъёрҳои «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор)» (Қарори Ҳукумати ҶТ, №267 аз 30.06.2021) ҷавобгӯ мебошад ва ба пуррагӣ аз рӯйи талаботи бандҳои шиносномаи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихипедагогика ва таҳсилот омода гардидааст.

2. Матни диссертатсия аз таҳқиқоти мустақилонаи илмию тахассусӣ ва соҳавӣ иборат буда, маводи муаллифони дигар ва ҳиссаи ҳаммуаллифон танҳо тавассути истинодоварӣ истифода гардидааст. Дар диссертатсия ягон маълумоти сирри давлатидошта ё иттилооте, ки паҳнкунии он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ аст, мавриди истифода қарор нагирифтааст.

3. Диссертатсияи номзадии Лутфуллои Саъдулло дар мавзуи "Таълими ҳамгирои фанҳои табиӣ-риёзӣ ба омӯзгорони ояндаи технологияҳои иттилоотӣ дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба шӯрои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-48 дар назди ДДБ ба номи Н. Хусрав аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба ҳимоя пешниҳод карда шавад. Муаллифи диссертатсия бешубҳа сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ мебошад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи ДДОТ ба номи С.Айнӣ аз 07 октябри соли 2022, протоколи №_10/2 бо иштироки мутахассисони даъватшуда қабул гардидааст.

Дар ҷаласа ҳамагӣ 13- нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 7 нафар номзади илм, 4 нафар муаллими калон, 1- нафар ассистент ва 1-нафар лаборант.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** «тарафдор» – 13 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Қарор якдилона қабул гардидааст, протоколи №10/2 аз 07.10.2022.

Раиси ҷаласа,
н.и.п., дотсент — Ҷ.С. Мансурова

Котиби ҷаласа,
н.и.п. — Ф.А. Арбобова

Тасдиқ мекунам:
Сардори ШК ва корҳои махсус — А.Мустафозода

**Маълумот барои тамос:**
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 121,
ДДОТ ба номи С.Айнӣ, кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ